**Тақризи мушовири илмӣ**

**ба диссертатсияи Субҳонзода Икром Субҳон дар мавзуи “Самтҳои афзалиятноки рушди соҳибкории истеҳсолӣ дар иқтисоди муосири Тоҷикистон” аз руи ихтисоси 08.00.06 – Иқтисодиёт ва идоракунӣ тибқи самтҳои фаъолият (08.00.06.06-Иқтисодиёти соҳибкорӣ) барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ**

Рисолаи диссертатсионии Субҳонзода Икром Субҳон дар мавзуи “Самтҳои афзалиятноки рушди соҳибкории истеҳсолӣ дар иқтисоди муосири Тоҷикистон” натиҷаи кори тӯлонӣ буда, тадқиқоти мустақили анҷомёфтаи илмӣ ба ҳисоб меравад. Мавзуи рисола ба зарурати такмили самтҳои афзалиятноки рушди соҳибкории истеҳсолӣ ҳамчун омили калидӣ ва муҳими таҳкими фаъолияти муосири хоҷагидории кишвар бахшида шуда, дорои аҳамияти баланди назариявӣ ва амалӣ мебошад. Ин масъала таваҷҷуҳи хосаи илмию амалиро ба худ ҷалб менамояд ва дар равандҳои стратегии рушди иқтисоди миллӣ нақши ҳалкунанда дорад.

Махсус қайд кардан зарур аст, ки дар рисола равишҳои назариявӣ-методологӣ оид ба омӯзиши рушди соҳибкории истеҳсолӣ ва масъалаҳои мутобиқсозии онҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таври муфассал баррасӣ гашта, аз нуқтаи назари татбиқи афзалиятҳои стратегӣ аҳамияти аввалиндараҷаро пайдо мекунад.

Сарфи назар аз шумораи зиёди корҳои таҳқиқотие, ки ба паҳлӯҳои гуногуни рушди соҳибкории истеҳсолӣ бахшида шудаанд, довталаб барои худ ҳадафи ҷиддӣ ва муҳимеро муайян намудааст, ки маҳз тавассути навгониҳои илмӣ ва таҳлили амиқ инъикоси худро пайдо кардаанд.

Инчунин сифати мусбати кори диссертатсионӣ дар он ифода меёбад, ки муаллиф афзалиятҳои рушди соҳибкории истеҳсолӣ дар иқтисодиёти миллӣ, дар асоси гурӯҳбандии бисёрсатҳии нишондиҳандаҳое, ки рушди сифатӣ ва миқдории фаъолияти соҳибкориро дар иқтисодиёти миллӣ тавсиф мекунанд, ба таври мушаххас баррасӣ муайян намудааст.

Дар баробари ин, бартарии кори диссертатсионӣ дар он аст, ки рушди минбаъдаи соҳибкории истеҳсолӣ дар кишвар ҳам бо афзоиши иқтидорҳои истеҳсолии мавҷуда ва ҳам бо зарурати диверсификатсияи соҳавию бахшии фаъолияти соҳибкорӣ аз нуқтаи назари илмӣ ва амалӣ асоснок шудааст.

Мавриди таҳлил қарор гирифтани масъалаҳои марбут ба татбиқи манфиатҳои соҳавии соҳибкории истеҳсолӣ дар кишвар, аз ҷумла рушди раванди воридотивазкунӣ ва тавсеаи содирот, истеҳсоли маҳсулоти гуногуни хурд барои қонеъсозии талаботи бозори дохилӣ, инчунин роҳҳои бартарафсозии маҳдудиятҳои захиравии бахши аграрии Тоҷикистон, аз сатҳи баланди илмӣ-таҳлилии корҳои анҷомдодаи диссертатсионӣ шаҳодат медиҳад.

Дар баробари ин, муаллиф дар таҳқиқот масъалаҳои муқаррароти алоҳидаи назарияи иқтисодии соҳибкорӣ дар ҷанбаҳои рафтори девиантии субъектҳои соҳибкорӣ дар шароити иқтисоди бозорӣ муайян намудааст.

Дар раванди иҷрои таҳқиқоти диссертатсионӣ, муаллиф доираи васеи манбаъҳои илмии ватаниву хориҷиро, ки ба масъалаҳои рушди соҳибкории истеҳсолӣ бахшида шудаанд, ҳамаҷониба омӯхтааст. Бо такя ба таҳлили амиқи афзалиятҳои рушди соҳибкории истеҳсолӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва бо дарназардошти татбиқи ҳадафи чоруми стратегии миллӣ - саноатикунонии босуръат, муаллиф тавсияҳои муассир ва дорои аҳамияти амалиро пешниҳод намудааст.

Аз ин ҷиҳат, натиҷаҳои арзишманди таҳқиқоти диссертатсионӣ гувоҳ бар он медиҳанд, ки унвонҷӯ на танҳо ба мавзӯи таҳқиқотӣ таваҷҷуҳи ҷиддӣ зоҳир намудааст, балки дорои сифатҳои баландии шахсӣ ва маҳорати касбӣ мебошад, ки барои анҷом додани чунин таҳқиқоти муҳиму ҳамаҷониба заруранд.

Аз рӯи маводи таҳқиқоти диссертатсия аз ҷониби муаллиф нуктаҳои асосӣ дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр шудаанд.

Рисоли диссертатсионии Субҳонзода И.С таҳқиқоти амиқ ва густурдаи илмӣ ба ҳисоб рафта, дар сатҳи баланди илмӣ-методӣ анҷом дода шудааст. Сатҳи баланди касбияти муаллиф дар самти тадқиқоти масъалаҳои рушди равандҳои истеҳсолӣ аз ҷумла, ошкори самтҳои афзалиятноки рушди соҳибкории истеҳсолӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз камолоти илмии ӯ шаҳодат медиҳанд. Дуруст ва эътимоднокии муқаррароти илмӣ, хулосаҳо ва тавсияҳои дар рисола баёнгардида аз арзиши амалии мавод гувоҳӣ медиҳанд.

Диссертатсияи Субҳонзода Икром Субҳон дар мавзуи “Самтҳои афзалиятноки рушди соҳибкории истеҳсолӣ дар иқтисоди муосири Тоҷикистон” ба талабот ҷавобгӯ буда, барои ҳимоя дар Шӯрои диссертатсионии аз руи ихтисоси 08.00.06 – Иқтисодиёт ва идоракунӣ тибқи самтҳои фаъолият (08.00.06.06-Иқтисодиёти соҳибкорӣ) барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ пешниҳод мегардад.

**Мушовири илмӣ:**
доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор,
аъзои вобастаи Академияи
миллии илмҳои Тоҷикистон Саидмуродзода Л.Ҳ
20.02.2025

Имзои Саидмуродзода Л.Ҳ.-ро тасдиқ мекунам:
Инспектори калон оид ба кадрҳои ИИД АМИТ Зиёева М.С.